КОНТУР, КРАСНЫЙ, СИНИЙ, ЖЕЛТЫЙ. «САОДАТНОМА»

НОСИРИ ХУСРАВ

# Аз «Саодатнома»





Аз силсилаи «Дурдона»

ДУШАНБЕ
«АДИБ»
2005

***Ин китоб бо дастгирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов ба табъ расидааст.***




Муҳаррир
*Юсуфҷон Аҳмадзода*

# НОСИРИ ХУСРАВ



Носири Хусрав яке аз симоҳои барҷастаи адабиёти форсу тоҷик буда, дар асри XI умр ба сар бурдааст. Зодгоҳаш Қубодиёни Тоҷикистон мебошад. Аз навиштаҳояш маълум, ки вай аз кӯдакӣ ба омӯхтани илму дониш камар баста, ҳамеша ростиву дурустиро пешаи худ қарор додааст:

Сар андар ҷустани дониш ниҳодам,
Накардам рӯзгори хеш бе бар.

Шоир ва мутафаккири намоён Носири Хусрав аввалҳо дар Марв зиндагонӣ карда, хироҷгундори дарбори Султон Чағирбек будааст. Вале дере нагузашта даст аз ин амал мекашад. Дар ҳалқаи дарвешону корвониён ба сафар мебарояд. Сафарҳои ӯ ҳафт сол давом мекунад. Дар ин муддат бо бисёрии мардуму шаҳрҳои Озарбойҷон, Осиёи Хурд, Сурия, Фаластин, Миср, Ҳиҷоз ва дигар ҷойҳо ошно мешавад. Зиндагии қашшоқонаи мардуми бечораро бо чашмони худ дида, муқобили бою амалдорони салҷуқӣ ва диндорони фиребгару риёкор бериёву далерона мубориза мебарад:

Надорам эътиқоде як сари мӯй,
Каломи зоҳиди нодон шунидан.
Каломи орифи доно қабул аст,
Ки гавҳар аз садаф бояд харидан.

Ин мардуми «зиммомдор» шоирро кофир ва «дӯзахӣ» эълон мекунанд ва мардуми содаро ба муқобили ӯ шӯр меандозанд. Шоир аз дасти онҳо ба Мозандарон мегурезад. Чун дар ин ҷой низ ба ӯ амон намедиҳанд, ниҳоят ба кӯҳистони Бадахшон меояд. Дигар то интиҳои умр дар ғори Юмгон зиндагониву эҷод мекунад.

Асарҳои машҳураш: «Саодатнома», «Рӯшноинома», «Гушоиш ва раҳоиш», «Зод-ул-мусофирин» («Тӯшаи мусофирин») ва ғайра мебошанд.

***Аз муҳаррир***

КОНТУР, КРАСНЫЙ, СИНИЙ, ЖЕЛТЫЙ. «САОДАТНОМА»



## АЗ «САОДАТНОМА»

Саодат боз хоҳӣ дар ҳама кор,
Ҳадиси Носири Хусрав нигаҳ дор.

Бигуфтам байт сесад аз дили пок,
Ҳама дӯшизагони табъу идрок.

Табиат дода ороиш тамомаш,
Хирад карда «Саодатнома» номаш.

Касе, к-ӯ бо ту некӣ кард як бор,
Ҳамеша он накуӣ ёд медор…

## ДАР ЭҲСОН

Баровар ҳоҷати дарвеши дилреш,
Битарс аз рӯзи ҳоҷатмандии хеш.

Ҷавонмардӣ саодатро далел аст,
Зи ҳар кас ин сифат н-ояд, бахил аст.

Сахитабъ эмин аст аз дӯзаху нор,[1]
Бахил андар сақар[2] гардад гирифтор.

Сазад, дар хона гар ноне надорӣ,
Ки дар баста ба меҳмоне надорӣ.

---

1. **Нор** — оташ.
2. **Сақар** — дӯзах.





Чи бадтар дар карам таъхир кардан,[1]
Чи беҳтар гурсинаро сер кардан…

Ба тобистон мадад деҳ кӯзаи об,
Зимистон – оташеву гӯшаи хоб.

## ДАР ДӮСТӢ ВА ДУШМАНӢ ВА ВАФО

Чу хоҳӣ кард бо кас душманӣ соз,
Маяфкан дӯстӣ бо ӯ зи оғоз.

Фигандан дӯстӣ бо кас салим аст,
Вафо бурдан ба сар кори азим аст.

Маранҷон кас, махоҳаш узр аз он пас,
Ки бадкорӣ бувад ранҷондани кас.

Макун қасди ҷафо, гар бовафоӣ,
Зи сагтабъӣ бувад гургошноӣ…

Чу ранҷонидани кас ҳаст осон,
Ба даст овар данаш набвад ба-дон сон…

Чу натвонӣ илоҷи дарди кас кард,
Маяфзой аз ҷафояш дард бар дард.

Синони[2] ҷавр бар дарвеш кам зан,
Чу марҳам менасозӣ, неш кам зан…

---

1. **Таъхир кардан** — ба қафо партофтан, дер кардан, диранг кардан.
2. **Синон** — неш, нӯки найза, найза.



Зи мардумзодаӣ, бо мардумӣ бош:
Чӣ бошад дев будан? Одамӣ бош.



## ДАР ҲАҚҚИ КАШОВАРЗОН[1]

Беҳ аз саннои олам деҳқон аст,
Ки ваҳшу[2] тайрро[3] роҳатрасон аст.

Зи сонеъ ройгон[4] нафъе нахезад,
Зи деҳқон оқибат чизе бирезад.

Ҷаҳонро хуррамӣ аз деҳқон аст,
Аз ӯ гаҳ заръ,[5] гоҳе бӯстон аст.

Аз ин беҳ бо бани одам чӣ кор аст,
К-аз одам дар ҷаҳон ин ёдгор аст…

Агар деҳқон чунон бошад, ки бояд,
Сабук гӯй аз малоик даррабояд…

Агар ҷӯёи қаҳтӣ нон набошад,
Касеро пояи деҳқон набошад.

Ба кор андар ҳама мардони коранд,
Арақ резанду қути[6] халқ коранд.

1. **Кашоварз** — деҳқон.
2. **Ваҳш** — ҳайвони ваҳшӣ.
3. **Тайр** — парранда.
4. **Ройгон** — муфт.
5. **Заръ** — кишт.
6. **Қут** — ғизо ва хӯрок.



# ДАР РОҲАТ РАСОНИДАН ВА НЕКӮӢ ХОСТАН



Беҳин коре, ки он дар зиндагонист,
Накӯхоҳӣ, ба кас роҳатрасонист.

Ту гар тавфиқ[1] дорӣ, ҳам бар он бош,
Накӯхоҳу ба кас роҳатрасон бош!

Ба лутфу марҳамат дилҳо нигаҳ дор,
Кас аз дасту забони худ маёзор.

Ба корафтода коромӯз мебош!
Ба ҳар дилсӯхта дилсӯз мебош!

Илоҷи дардмандон кун ба ҳар дард,
Ки ҳар кас, к-ӯ ҷароҳат кард, бад кард.

Чу марҳам хастаро роҳатрасон бош,
Ба сахтӣ ҷораи бечорагон бош...

Ба пирӣ хидмати модар, падар кун,
Ҷавонию ҷунун аз сар бадар кун.

Мазан таъна бар эшон аз дили сер,
Ки гар ёбӣ замон, гардӣ ту ҳам пир.

Ки парвардаст модар дар канорат,
Падар буд солҳо тимордорат.[2]

Биҷӯ дилшон ба хулқу хубрӯӣ,
Ки ин аст, эй бародар, некхӯӣ.

1. **Тавфиқ** — комёбӣ, корсозӣ, пешрафт.
2. **Тимордор** — нигаҳбон, парастор.





# ДАР МАЗАММАТИ МУЛУК ВА УМАРО

Чи нохуб аст дидори бузургон?!
Шудан чун Юсуф андар чанги гургон?!

Ҳама худ бартар аз Фиръавни мағрур,
Чу Намруд аз пари як паша ранҷур.

Малик чун хост, ҳозир гашт бар дар,
Гурӯҳе дев бинад дар баробар.

Яке чун афъиёни саршикаста,
Яке чун ақраби думбаршикаста.

Чу надҳад доди кас, гар дод хоҳанд,
Дили халқон зи биму ғам бикоҳанд…

Ки гар асҳоби каҳф[1] ояд бар эшон,
Намояд камтар аз саг дар назаршон.

Саломашро ҷавоб аз ноз надҳанд,
Ва гар гӯяд, ҷавобаш боз надҳанд.

Ба қавли мусавӣ розӣ набошанд,
Зи гӯсола худое бартарошанд.

Биёвезанд Исоро ба хорӣ,
Суми харро харанд аз хоксорӣ.

---

1. **Асҳоби каҳф** — аҳли ғор, ҳафт нафар, ки аз зулми подшоҳ Дақёнус дар ғоре паноҳ бурда, ба қавле ба як хобидан 300 сол ё чандсад сол хобидаанд. Чун аз хоб бедор мешаванду ба берун мебароянд, мебинанд, ки сагашон мурдааст ва гӯри он ҳам кӯҳна шуда. Дар шаҳр бо пули кӯҳнашудаи худ хӯрданӣ харида наметавонанд.





## ДАР НЕКӢ

Дило, пандам ниюшу[1] дил дар ӯ банд,
Зи ту тавба зи пирони куҳан панд.

Агар ту хештанро бад нахоҳӣ,
Макун коре, ки боз ояд табоҳӣ…

Макун аз ҳоли мискинон фаромӯш,
Чу дорӣ мояе, дар некӯӣ кӯш.

Чу аз сӯҳбат кунад бар нафс таъсир,
Ба сӯҳбат дӯстони мӯътабар гир.

Дилатро рост кун, гар росткорӣ,
Ки ҳаст аз росткорӣ растагорӣ.

Зи омӯзанда панди нек бар гир,
Зи некӣ гар бадат афтод, мар гир.

## ДАР БАЁНИ ҶОҲИЛ ВА НОҶИНС

Бибур аз ҷоҳил арчи хеш бошад,
Ки ранҷи вай зи роҳат беш бошад.

Зи нодону зи ноҷинсу зи нокас
Ба шаб бигрезу мангар ҳеҷ бар пас.

Машав хушдил зи суди бегаронаш,
Ки сад судаш наарзад як зиёнаш.

---

1. **Ниюш** — гӯш бикун.





Ҳазар аз молдори пуртакаббур,
Ки мабраз[1] гандатар гардад, чу шуд пур.

Макун коре ки не кори ту бошад,
К-аз он бар ҳар дил озори ту бошад.

Табарро[2] кун зи ҳар бадфеълу бадком,
Ки бадномат кунад чун худ саранҷом.

Макун соҳибсир[3] аз наммому ғаммоз,[4]
Бикаш доман зи дузди хонапардоз…

Макун ҳамроҳии кас н-озмуда,
Тафовут дон зи дида то шунида.

Мунофиқро[5] мадон ёри мувофиқ,
Мунофиқро мунофиқ дон, мунофиқ.

## ДАР ГУФТУШУНИД ВА ПАНД ШУНИДАН

Сухан дониста гӯ, чизе, ки донӣ,
Худ он оҳиста гӯ, чизе, ки донӣ.

Ба майдони фасоҳат[6] чун дароӣ,
Марон бас гарм, то дар сар наёӣ…

---

1. **Мабраз** — ҳоҷатхона.
2. **Табарро** — дурӣ, ҷудоӣ.
3. **Соҳибсир** — донандаи роз.
4. **Наммому ғаммоз** — суханчин ва хабаркаш.
5. **Мунофиқ** — дурӯя, риёкор, фиребгар.
6. **Фасоҳат** — сухани равон, рӯшанбаёнӣ.





Сухан бишнав зи лафзи ҳар суханҷӯй,
Аз он соне, ки хуш ояд, чунон гӯй.

Магӯ нохуш, ки посух нохуш ояд,
Ба кӯҳ овози хуш деҳ, то хӯш ояд…

Сухан ногуфта бошад кай чу гуфта,
Чу шуд гуфта, куҷо монад нуҳуфта?

Ба ҳар гуфтор манмо пешдастӣ,
Магӯ ногуфтаниҳо, рав ки растӣ.

Ҳамеша машварат бо дӯстон кун,
Зи душман рози дил доим ниҳон кун.

## ДАР БУРДБОРӢ

Ба кас мапсанд, он ч-ат[1] нописанд аст,
Ки воҷиб куштани мор аз газанд[2] аст.

Машав касро ба кин хонабарандоз,
Ки ҳар кас бад кунад, ёбад ба дил боз.

Макун ширин ба дил моли ятимон,
Ки аз молат бикоҳад ҳам зи имон.

Ту бо халқи худо хуш бошу хуш гӯй,
Ки хун аз парвариш шуд мушки хушбӯй.

Гузар аз тундиву аз тундхӯй,
Тавозӯъ[3] пеша гиру тозарӯӣ.

---

1. **Он ч-ат** — он чи ки туро.
2. **Газанд** — зиён, зарарнокӣ.
3. **Тавозӯъ** — хоксорӣ, тозакорӣ.



Гиреҳ бо ҳар касе н-афкан бар абрӯ,
Чи бадтар бошад аз табъи турушрӯ…

Фурӯ хур хашм андар гоҳи гармӣ,
Зи мӯъмин хуш бувад чарбию нармӣ.

Ҳалимӣ кун чу доно дар гаҳи танг,
Гарат бар сар бигардад осиёсанг.

Машав ғарра ба зӯри бозӯи хеш,
Ки бошад зӯрбозӯҳо аз ин беш.



## ДАР ҚАРЗ ДОДАН ВА ГИРИФТАН

Чу меҳмон оядат, дилшод мебош,
Зи ҳар банду ғаме озод мебош.

Манеҳ миннат, чу бар хони ту бошад,
Ки он шукрона бар ҷони ту бошад.

Зи хони дигарон бахшиш ба ҳад кун,
Ҷавонмардӣ зи хону нони хвад[1] кун.

Зи моли худ расон касро наволе,[2]
Ба сайди шер кай гунҷад шағоле?

Ки симе, к-ӯ пас аз имсок[3] бошад,
Пас аз маргаш ба зери хок бошад.

---

1. **Хвад** — худ.
2. **Наволе** — тӯҳфа, ҳадя.
3. **Имсок** — хасис, чашмтанг.



## ДАР ФАРҚИ ДӮСТ ВА ДУШМАН

Бибояд фарқ кардан душман аз дӯст,
Ки донистан зи душман дӯст некӯст.

Ҳама кас роздориро нашояд,
Дуруст аз об ҳар кӯза наояд.

Куҷо душман сиришти дӯст бошад,
Ки мағзи дӯстӣ бе пӯст бошад.

Саге, к-аш бо ту пайвандаст ҷонӣ,
Беҳ аз ёре, ки дорад саргаронӣ.

Набошад айши беҳам дӯстонро,
Чунон чун завқ бе гул бӯстонро.

Касе, к-аш озмудӣ, м-озмояш,
Ки бас бошад яке бор озмояш.

Ҳамон аст ӯ, гараш сад озмоӣ,
Ки н-ояд ҳаргиз аз вай ошноӣ.

Хуш ояд табъи мор ошуфтанро,
Нашояд мор ҷуз сар кӯфтанро…



## ДАР НАФСИ БАД ВА РИБОХОРОН

Рибохора[1] зи аҳли нор бошад,
Куҷо аз хулд[2] бархурдор бошад?

---

1. **Рибохор** — судхӯр.
2. **Хулд** — биҳишт, ҷовидонӣ.





Бувад бо ҳар азиз аҳли рибохор,
Шараф дорад басе саг бар рибохор.

Чи имон хоҳӣ он касро, ки хоҳад,
Ки то ноне хӯрад, ҷонаш бикоҳад.

Ба-дон то худ бувад дар роҳату ноз,
Кунад дарвешро хонабарандоз.

Басо мумсик, ки неъмат ҷамъ овард,
Чу мурд ӯ, куҳбааш[1] бо дигаре хвард.

Басо зад суди худ дар подшоҳӣ,
Пас аз вай карда фарзандон гадоӣ.

Рибохӯрро сабук давлат сарояд,
Ва гар хайре кунад, нодархӯр ояд.

Махӯр нонаш, агар худ нафъи ҷон аст,
Ки гирд оварда хуни муфлисон аст.

Замину чарх бо оранд аз вай,
Худою халқ безоранд аз вай…

## ДАР КАМОЗОРӢ

Фузун хоҳӣ бақо, дилҳо маёзор,
Ки доим дерзӣ бошад камозор…

Мабар бар кас ҳасад гар молдор аст,
Ки ту дар ранҷию ӯ шодгор аст.

---

1. **Куҳба** — зани нобакор.





Ҳамеша некхоҳи мардумон бош,
Ба некӣ кӯш в-он гаҳ дар амон бош.

Чу бад хоҳӣ ба кас, аз ғам бикоҳӣ,
Набинӣ ҳеҷ бад, гар нек хоҳӣ.

Дилатро бо мурувват муттафиқ[1] кун,
Ва гар хайре кунӣ, бо мустаҳиқ[2] кун.

Мадад деҳ, то ки ҳақ ёри ту бошад,
Ҳама олам мададгори ту бошад.

Мурувват нест, ар афтодагоне
Ба раҳ бинаву худ маркаб биронӣ.

Зи некон бош, андар некӯӣ кӯш,
Макун некии кас аз дил фаромӯш.

Ба некон умр созу барг хоҳад,
Бадонро халқи олам марг хоҳад.

## ДАР ТАМАЪ ВА ХОРӢ

Тамаъ дар ҳар чи бастӣ, пой бастӣ,
Чу даст аз ҷумла шустӣ, рав, ки растӣ.

Тамаъ бисёр кардан хорӣ орад,
Натиҷа: хорияш ғамхорӣ орад.

---

1. **Муттафиқ** — якҷо, ҳамфикр, ҳамраъй.
2. **Мустаҳиқ** — мӯҳтоҷ, лоиқ.



Мадор аз кас тамаъ ҳар дам ба чизе,
Шавад хор аз таваққуъ[1] ҳар азизе.

Тамаъ орад ба рӯйи мард зардӣ,
Тамаъро сар бибур, гар марди мардӣ.

Бар он сахтӣ, ки бо ту рӯй бинмуд,
Гар осон гирияш, осон шавад зуд.

Ба ҳар боде маҷунб аз ҷой чун бед,
Ба тамкин бош ҳамчун моҳу хуршед…

Қаноат кун ба нони хушкаи хеш,
Чу кардӣ, аз бурути сифла мандеш…[2]

Тамаъ дорӣ, саги ҳар тиракешӣ,
Чу бубридӣ тамаъ, султони хешӣ.

## ДАР БУРИДАН АЗ НОДОН

Чи хуш гуфт он хирадманди сухандон,
Ки рӯй аз сӯҳбати нодон бигардон.

Дарахти унси нодон бар наёрад,
Ҳузураш ҷуз ки дарди сар наёрад.

Зиён пайдо кунад, гар суд хоҳад,
Бидорад бар шарар, беҳбуд хоҳад.

Касе чун умр бо нодон ба сар бурд,
Нашуд донову нодон мурду хар мурд…

---

1. **Таваққуъ** — чашмдошт, орзу, умедворӣ.
2. Яъне қаноат ки кардӣ, аз ҳавобаландии сифла, нокас нандеш.